ҶАҲОНРО БА ДОНИШ ТАВОН ЁФТАН!

# ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

№ 12 (174)
28 декабри соли 2021

Нашрияи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – РАҲНАМОИ АҲЛИ ҶОМЕА



*Нуктаҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»*

*Бинобар аҳамияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд.*

**Оид ба рушди иқтисодиёти мамлакат**

Ҳукумати мамлакат ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсулро тадриҷан амалӣ карда истодааст.

Дар бист соли охир рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз 1,8 миллиард сомонии соли 2000-ум то 95 миллиард сомонӣ дар соли 2021 ва даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонӣ ба 28 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Ҳукумати мамлакат бо дарназардошти тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати рушди энергетикаи «сабз» бояд то охири соли 2022 Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карда, татбиқи онро таъмин намояд. Ҳамчунин, ҷиҳати рақамикунонии бомароми иқтисоди миллӣ ва ташаккул додани заминаи технологии он ба ислоҳоти соҳаи алоқа тақвият бахшида, гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин карда шавад.

Рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ аз низоми бонкӣ вобаста мебошад, вале то ҳанӯз дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои дастрасу дарозмуддат мушкилоти зиёди ҳалталаб боқӣ мемонад.

Бо вуҷуди таъсири бемории сироятии COVID–19, дар соли 2021 ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар ҳаҷми умумии беш аз 6,8 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 2,5 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки нисбат ба соли 2020 ҳаҷми сармоя 42 фоиз ва сармояи мустақими хориҷӣ 39 фоиз зиёд мебошад.

# ҲАМКОРИИ СУДМАНД БА ДОНИШГОҲИ ЛАУРЕАИ ФИНЛЯНДИЯ



***Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ фаъолияти худро бо донишгоҳҳои хориҷи кишвар барои баланд бардоштани ҳамкориҳо дар самти илм, таълим, техника ва инноватсия боз ҳам беҳтар менамояд.***

Дар доираи ин ҳамкориҳо Саидзода Ҳалим Азиз – ҳамоҳангсози лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ”-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори донишкада, номзади илмҳои иқтисод, дотсент Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан, Иномҷон Аминов – роҳбари лоиҳаи ICEG, Саидқосим Мухторов – ассисенти лоиҳаи ICEG ба Донишгоҳи илмҳои амалии Лауреаи Финляндия барои ба анҷом расонидани маҷмӯи чорабиниҳои байни Донишгоҳи Лауреа ва Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд дар доираи Лоиҳаи Рушди таҳсилоти олӣ - «Баланд бардоштани рақобатпазирии хатмкунандагон-иқтисодчиён дар асоси ҷорӣ намудани принсипҳои раванди Болонӣ» сафари кориро анҷом доданд. Лоиҳаи ICEG моҳи январи соли 2020 бо Донишгоҳи Истамбул Окан, Туркия ҳамчун шарики сеюм оғоз шудааст.

Мақсади асосии лоиҳаи ICEG ин байналмилалӣ ва мутобиқ гардонидани фаъолияти таълимии донишкада ба талаботи фазои таҳсилоти олии Аврупоӣ мебошад.

Ҳангоми вохӯрӣ гуруҳи кории ДИС ДДТТ ба намояндагони Донишгоҳи Лауреа китоби «Тоҷикон»-и муаррихи барҷастаи тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуровро ҳамчун туҳфаи хотиравӣ супориданд.

Сафари кории мазкур, дар чаҳорчӯбаи Лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” ба гуруҳи мутахассисони лоиҳаи ICEG имкон медиҳад, ки дар бораи фаъолият, вазифаву уҳдадориҳои сохторҳо, равандҳо ва усулҳои корбариро дар муҳити аслӣ, дар яке аз донишгоҳҳои беҳтарини инноватсионии илмҳои амалии Финляндия - Донишгоҳи Лауреа, санҷиш ва коромӯзӣ намоянд.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА***

# ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



***21 декабри соли 2021 дар толори калони “Кохи Сомон”-и Бӯстонсаройи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид.***

Тамоми ҳайати кормандону устодон ва донишҷӯёни Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастаҷамъона тамошо карданд.

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро барои давраҳои оянда муайян намуда, оид ба пешбурди манфиатбори сиёсати хориҷӣ ва таъмини пешрафти соҳаҳои иқтисоду саноат, энергетика, роҳу нақлиёт, амнияту мудофиа, ҳифзи ҳуқуқу тартибот, тандурустӣ, фарҳанг, илму маориф, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштанд.

# ХУБ ШУД, КИ ЗАН БА ДАВЛАТ ЁР ШУД

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳуҷҷати раҳнамунсоз – Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эҳтироми хос ва самимияти бепоён дар бораи нақш ва мақоми занон дар ҷомеа сухан ронда, таъкид доштанд, ки “нақши бонувону занон дар эъмори ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ хеле бузург мебошад”.***

Ба ин маънӣ, имрӯз зани тоҷик натанҳо модари мушфиқу меҳрубон ва ғамхори ҳамешагии оила аст, балки пеш аз ҳама шахсият ва узви комилҳуқуқи ҷомеа, роҳбари кордон, ҷамоатчии фаъол ва фарди созандаи бунёдгари давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд ва демократии мост. Ҷомеаи имрӯзаи на танҳо Тоҷикистон, балки кулли сайёраро бе зан тасаввур намудан имконнопазир мебошад, зеро бонувон дар тамоми соҳаҳои илмӣ - фарҳангӣ, иқтисодӣ - иҷтимоӣ, сиёсӣ, техникӣ саҳмгузор ҳастанд ва аз замонҳои қадим сар карда, то имрӯз баробари мардон дар рушду нумӯи ҳаёти аҳли башар нақши дастони зан - модар дида мешавад. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри боз ҳам тақвияти мақому манзалати занон пайваста ғамхорӣ менамояд. Барои ба таври шоиста баланд бардоштани нақши занон дар ҷомеа Пешвои миллат ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаро аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030» таҳия ва пешниҳод намоянд. Дар доираи татбиқи ин санади муҳим масъалаи ҷалби занон ба корҳои давлатдорӣ, идораи соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ барои занон, тайёр намудани кадрҳои болаёқат аз ҳисоби ҷавондухтарон, беҳдошти хизматрасонии тиббӣ, пешгирӣ намудани фавти модару кӯдак ва риояи ҳуқуқҳои баробари занону мардон ба эътидол оварда мешаванд.

Тибқи маълумоти оморӣ занон 49,3 фоизи аҳолии кишварро ташкил медиҳанд. Ҳоло қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи онҳое, ки дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд, занону бонувон мебошанд. Имрӯз дар кишвари азизамон танҳо бонувоне, ки ба илмҳои дақиқ сарукор мегиранд, як бону ба ҳайси Академики Академияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ду нафар узви ин Академия, 24 нафар докторони илм, 95 нафар номзадҳои илм, 63 нафар докторантони PhD ба қайд гирифта шуданд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 116 нафар докторҳои илм ва 1124 нафар номзади илм, дар вилояти Суғд 12 нафар докторони илм, 336 нафар номзадҳои илм аз ҳисоби занон фаъолият доранд. Дар вилояти Суғд шумораи умумии кормандони соҳаи маориф ва илм аз ҳисоби занон 48891 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбати соли гузашта 622 адад зиёд мебошад. Дар макотиби олии вилоят 39398 нафар, дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 276 426 нафар духтарон бо илм фарогир шудаанд. Боиси зикр аст, ки сол то сол шумораи олимаҳо, роҳбарони муассисаҳои илмиву таълимӣ (ректору муовини ректор, директору декан, мудирони озмоишгоҳҳову кафедраҳо) зиёд мегарданд.

Ба маврид аст аз суханони ҳикматомӯзи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шавем, ки дар ҳаққи бонувон баён доштаанд: “Мо бо такя ба нексириштӣ ва азму талошҳои созандаи занон, ки воқеан илҳом ва тавонбахши ҷомеа мебошанд, Тоҷикистони азизи худро ба як давлати ободу зебо, пешрафтаву мутамаддин ва демокративу дунявӣ табдил хоҳем дод”.

Занону модарони тоҷик бо покиву ҳамидагӣ, таҳаммулу хушрафториашон гули сари сабад ва намунаи ибрати дигаронанд. Зиндагинома ва фаъолияти доманадори онҳо дар ҷабҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ, саҳми назаррасу беназирашон дар рушду нумӯи илму фарҳанг, маърифату заковати баландашон дар роҳи таълиму тарбияи наслҳо дар руҳияи ифтихор аз ватану ватандорӣ, ҳувияти миллӣ, намунаи олии ҳаёти солим ва пурифтихори дирӯз, имрӯз ва фардост. Дар фарҳангу тамаддун ва анъанаву суннатҳои халқу миллатҳои гуногуни ҷаҳон хираду заковат ва бузургии модар ҳамчун олиҳаи покиву садоқат, нигаҳдорандаи чароғи хонадон, мураббии ғамхору меҳрубон ва ҳидоятгари некиву накӯкорӣ бо меҳру муҳаббат арҷгузорӣ ва ситоиш ёфтааст. Зани тоҷик ҳамеша толиби сулҳу ваҳдат, ободӣ ва оромии диёр буду ҳаст. Ин рисолат раҳнамои рӯзгори бонувони мост. Мо бояд ба он муваффақ шавем, ки кулли ҷавонон худогоҳу бомаърифат бошанд. Соҳибмаърифатии ҷомеа аз мо – занону духтарон вобастагии калон дорад. Ғамхориҳои бевоситаи Пешвои миллат ва давлату Ҳукумат вазифаҳои мо – занону бонувонро барои тарбияи насли худогоҳу хештаншинос, тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир муайяну мушаххас менамояд. Шоири ширинкалом Мирзо Турсунзода хеле хуб фармудааст:

*Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,*
*Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.*

***Гулчеҳра АҲРОРОВА,***
***муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон***

# ПАЁМ – ҚУТБНАМОИ ИНКИШОФИ ҶОМЕА

***Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нави замони Истиқлол буда, ҳоло ба ҳукми анъана даромада, ҳар сол он ба парлумони кишвар аз ҷониби Сарвари мамалакат ироа мегардад.***

Паём ин санади сарнавиштсоз, роҳнамо ва қутбнамои инкишофи ҷомеа буда, дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон, нақшаҳои рушди усувори минбаъда дар тамоми самту соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат тарҳрезӣ гардида, вазифа, мақсаду маром, роҳу воситаҳои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ муайян ва мушаххас мегардад.

Дар Паёми имсола мутобиқ бо талаботи замон ва дар ҳамбастагӣ бо роҳу усулҳои навтарин амалӣ шудани барномаи рушди кишвар дар асоси 30-соли истқлолият ва вазифагузориҳо барои солҳои 2022-2026 муайян шудааст. Аз диди сиёсӣ Паём пурра воқеияти сиёсии на танҳо дохилӣ, балки ҷомеаи ҷаҳониро низ дарбар гирифта, мавқеи Тоҷикистонро вобаста ба рӯйдоду ҳодисоти соли охир дақиқ муайян намуд. Мо хуб медонем, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол аз ҷиҳати мавқеи географии худ ва аз диди геополитикӣ дар минтақаи бархӯрди манфиатҳои абарқудратҳо қарор дорад. Феълан, бо нисбатан мӯътадил гардидани авзои сиёсӣ дар кишварҳои Сурия ва Ироқ, хатари дар Афғонистон маскан гирифтани қувваҳои иртиҷоии террористӣ ва нооором намудани минтақа ба назар мерасад.

Зимни суханронии хеш Пешвои муаззами миллат таъкид карданд, ки дар шароити ниҳоят ҳассосу мураккаби минтақа ва ҷаҳон имруз вазифаҳои бағоят мубрами амниятӣ, аз ҷумла мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин, муҳоҷирати ғайрирасмӣ қарор доранд, ки вобаста ба ҳодисаҳои Афғонистони ҳамсоя торафт шиддат гирифта истодаанд. Таъкид шуд, ки зиёда аз бист сол мешавад, ки Тоҷикистон аз минбари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба қазияи Афғонистон ҷалб менамояд. Чунончи Пешвои муаззами миллат дар сатҳи чорабинии байналмилалӣ - Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) , ки соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе доир гардид, аввалинҳо шуда, оид ба эътидол овардани авзои Афғонистон тасмими шоистаро роҳандозӣ намуданд. Пешвои тоҷикони ҷаҳон аз оғози сар задани низоъ дар кишвари ҳамсояи Афғонистон хоҳони бо роҳи мулоқот ва музокирот ҳал кардани низоъҳо буданд. Дар ҷаласаҳои СҲШ ва СААД таклифҳои дилсӯзонаи Пешвои миллат садо доданд, ки барои ба низом даровардани вазъи кишвари ҳамсоя пешниҳодҳои сариваҳтӣ буданд. Бинобар ин имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ набояд ба вазъияти сиёсии давлати Афғнистон бетараф бошанд. Барои пешгирии поймолшавии ҳуқуқҳои мардум бояд бо ҳокимияти кунунии ин кишвар гуфтушунидҳо барқарор намуда, кӯмакҳои молиявии худро суроғавӣ дареғ надоранд ва бетарафиро касб накарда, аз муроҷиат ва арзи баён ба амал гузаранд. Дар робита ба ин масоил Сарвари давлат дар ҷараёни Паём ба Ҳукумати мамлакат супориш доданд, ки дар доираи имкон барои расонидани кумаки башардӯстона ба мардуми бародари Афғонистон чораҷӯӣ намояд. Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо созмонҳои марбутаи байналмилалӣ имкониятҳои васеи логистикии худро дар ин ҷода пешниҳод кардааст. Ҳоло шаш пули дар замони соҳибистиқлолӣ дар сарҳадоти ду кишвар бунёдгардида барои расонидани кумакҳои башардӯс-тона ба мардуми бародари Афғонистон фаъолият карда истодаанд.

Ин мавқеъ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар кишварҳои ҳамсояи мо сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ ҳукмфармо бошад ва дар фазои ҳамсоягии нек ва ҳамкории созандаро ба роҳ монад, ки бо ҳамин сабаб Тоҷикистон ҳамчун ҳамсояи наздиктарини Афғонистон ба тақдири мардуми азияткашидаи ин кишвар бетафовут буда наметавонад. Чунин арзёбӣ намудани масоил доир ба муносибатҳои байналмилалӣ бори дигар собит менамояд, ки обрӯю нуфузи сиёсиву байналхалқии Тоҷикистон густариш ёфта, масъалаҳои стратегияи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар ва минтақа амиқтар эҳсос мегардад, ки бе шубҳа ин амал, алалхусус дар қаламрви Осиёи Марказӣ барои пешгирии терроризм ва экстремизм мусоидат хоҳад кард. Умуман дар марҳалаи кунунӣ оид ба тадбирҳои муассири кишвари мо бо мақсади вокуниши саривақтӣ ба таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ дар раванди ташаккули иқтидори муносиби дохилӣ ва хориҷӣ, дар ин раванд зарурати ҳамгироии бештари ҷумҳурӣ бо ҷомеаи ҷаҳон ва минтақа, сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин муҳимияти роҳандозии ҳамкориҳои фарогир қайд карда шудааст.

Аз нуктаҳои ҳуҷҷати муҳим - Паёми навбатии Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самаранок истифода бурда, дар пешравию шукуфоии Тоҷикистони маҳбубамон саҳмгузор бояд шуд. Ин нияту нақшаҳо аз ҳар як фарди кишвар заҳмати содиқона ва софдилонаро ба хотири тақвият бахшидан ба иқтидори иқтисодии давлати соҳибистиқлоламон талаб менамояд.

Бинобар ин ҳар яки мо бо ҳисси баланди миллӣ, иродаи қавии хеш Ватани муқаддаси худро ҳифз карда, онро боз ҳам обод намоем, нуфузу обрӯи Тоҷикистони озоду соҳибихтиёрро дар арсаи байналмилалӣ баланд бадошта, неруи созандаи худро бо дастовардҳои боз ҳам бештар баҳри истиқбол гирифтани ҷашни 35–солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар намоем. Бо изҳори чунин умедҳои нек баҳри дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Сарвари мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми навбатиашон зикр ёфтааст, тамоми кӯшишу ғайрати хешро беш аз пеш равона менамоем.

***М. МАМАДҶОНОВА,***
***ассистенти кафедраи***
***забонҳои тоҷикӣ ва русӣ***

# ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – РОҲНАМО БАРОИ ҶАВОНОН

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии кишвар қайд намуданд, ки “Ҷавонон ояндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати мамлакат мебошанд”.***

Воқеан мо ҷонибдори ин андешаи Пешвои миллатем, зеро ояндаи давлату миллат маҳз дар дасти ҷавонон аст ва онҳо муаррификунандаи давлату кишваранд. Тоҷикистон аз мамолики ҷавони олам ба ҳисоб меравад, ки қисмати аъзами ҷомеаро ҷавонон ташкил медиҳанд. Ҷавонон чун нерӯи бузург дар рушду пешрафти ҷомеа нақши бағоят бузург доранд. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҷавонон чун насли ояндасози миллат аҳамияти хоса медиҳад. Мояи ифтихору сарфарозии ҷавонон аст, ки имрӯз нисбат ба онҳо таваҷҷуҳу ғамхории беандоза зоҳир мегардад. Муносибати хирадмандонаи Роҳбарияти олии кишвар ба масоили гуногунҷабҳаи ҳаёти ҷавонон ва ҷалби диққати ҷомеа дар тарбияву ташаккули афкори онҳо шароит фароҳам меорад, то ки ояндасозони ҷомеа мақому манзалати худро дар зиндагӣ пайдо намоянд.

Пешвои муаззами миллат зимни баромади хеш ҷавононро ба таҳаммулпазирӣ, дӯст доштани Ватан, ҳурмати падару модар, ҳисси худогоҳиву хештаншиносӣ доштан даъват намуданд, ки қобили дастгирӣ аст. Вобаста ба ин, зикр намуданд, ки “ ба Ватан, миллат ва давлати худ ҳаргиз хиёнат накунем, зеро хиёнатро на Худо мебахшад ва на бандаҳои Худо”.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар вобаста ба дастгирии ҷавонон чандин барномаву тадбирҳои зарурӣ рӯи кор омадаанд. Тоҷикистон тавассути ҷавонони созандаю ободкори худ рушд карда истодааст ва солҳои минбаъда ба як давлати мутараққию пешрафтаи ҷаҳон табдил хоҳад ёфт. Ҷавонон тавассути донишу қобилият ва зӯру бозуи худ Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуда, парчамбардори меҳан мешаванд.

Дар ҷомеаи имрӯза дар пешбурди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавқеи ҷавонон хеле муҳим аст, чунки ин қишри ҷомеа дорои афкори тозаю нав, нерӯи муҳими пешбарандаи иқтисод буда, истифодаи васеи технологияи муосирро дар истеҳсолот метавонад ба хубӣ таъмин созад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ зикр намуданд, ки “барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бос-тонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад”. Ба ин маънӣ, кишвари азизи соҳибистиқлоли мо, ки дар раванди татбиқи ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ қарор дорад, ба донишу нерӯи созандаи ҷавонон умеди калон мебандад. Чунки ҷавонон дар шароити кунунӣ ба воқеияти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳони муосир зудтар ва беҳтар ҳамоҳанг гардида, дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми ҳалкунанда гузошта метавонанд.

Дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бояд сармашқи асосии кору пайкор ва фаъолияти ҳамарӯзаи мо, ҷавонон, дар давраи ҷаҳонишавии муносибатҳо бошад. Бо истифода аз ин дастуру супоришҳо мо, ҷавонон бояд баҳри ҳифзи Ватани азизамон -Тоҷикистон кӯшиш намуда, бар зидди ҳар гуна зуҳуроти бегонапарастӣ мубориза барем.

Мо бояд аз таърихи давлати соҳибистиқлол ва ниёгони худ, забону фарҳанги миллиамон ифтихор намуда, баҳри дифои онҳо аз ҳар гуна омилҳои зараровар пайваста талош варзем.

Мо, ҷавонон, бояд дар дигаргунсозиҳои ҷомеаи навин боз ҳам фаъолона иштирок карда, дар муаррифии давлати миллӣ, ҳифзи арзишҳои истиқлолият ва рушди Тоҷикистони азиз беш аз пеш саҳм гузорем. Мо нагузорем, ки гурӯҳҳои тундраву ифротгаро фазои софи Ватани азизи моро ғуборолуд сохта, барои пешравии мамлакати биҳиштосои мо монеа эҷод кунанд.

***Муродҷон САИДОВ,***
***мудири бахши кор бо***
***ҷавонони ДИС ДДТТ***

# МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ КОРИ ҲАМАГОН АСТ



***Санаи 24-уми декабри соли равон дар Донишкада тибқи нақшаи чорабиниҳои дохилидоравӣ дар байни устодону кормандон семинар-машварати омӯзишӣ оид ба мазмуну моҳияти «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва шарҳу тавзеҳи нуктаҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021с. бо иштироки Назриён В.Қ. – нозири калони шуъбаи муқовимат ба коррупсияи Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд баргузор гардид.***

Семинар машваратро директори Донишкада н.и.и., дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. оғоз бахшида, аз муҳимияти барномаҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия ёдовар шуд. Сипас, Назриён В.Қ. – нозири калони шуъбаи муқовимат ба коррупсияи Раёсати Агентӣ дар вилояти Суғд мазмуну моҳияти «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва нақшаи чорабиниҳои онро барои марҳилаи якум шарҳу тавзеҳ дод.

Баъдан, д.и.ф., профессори кафедраи ҷомеашиносӣ Расулҷон Солиҷонов нуктаҳои асосии Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавзеҳ дода, дар бораи рушди иқтисодиёти кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ маълумот дод.

***Тоҳирҷон САЛИМОВ***

# ҒОЛИБИЯТ ДАР МАҲФИЛИ "ХУШДИЛОН ВА ҲОЗИРҶАВОБОН"

***Дар "Қасри ҷавонони ба номи Лоиқ Шералӣ" бозии финалии Лигаи хуҷандии маҳфили "Хушдилон ва ҳозирҷавобон" баргузор гардид, ки дар он се дастаи пурзӯртарин: дастаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, дастаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дастаи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд аз рӯи 5 номинатсия барои ғолибият бо ҳам рақобат намуданд.***



Дастаи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар маҳфили ниҳоии "Хушдилон ва ҳозирҷавобон" маҳорати баланди ҳунари зарофатгӯии худро нишон дода, соҳиби ҷойи дуюм гардид.

# МЕНЕҶЕР ВА МАРКЕТОЛОГҲОИ ҶАВОН



***Санаи 18 декабр дар кафедраи менеҷмент ва маркетинг маҳфили илмии донишҷӯёни ихтисосҳои вобастаи кафедра бо номи «Менеҷер ва маркетологҳои ҷавон» бо иштироки устодон ва донишҷӯён баргузор гардид.***

Сухани ифтитоҳиро мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг н.и.и., дотсент Ниёзов Ҷ.С. оғоз карда, доир ба аҳамияти ташкили маҳфил ва иштироки донишҷӯён дар он суханронӣ намуд.

Сипас д.и.и., профессор Ғозибеков С.А. оид ба саҳми ҷавонон ва мутахассисони ҷавони соҳаи идоракунӣ дар пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар андешаҳояшро баён дошт. Мавзуъҳое, ки аз тарафи донишҷӯён мавриди муҳокимаи иштирокчиёни маҳфил қарор гирифтанд бештар ба чунин самтҳо: низоми идоракунии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ, таҳияи нақшаҳои стратегии фаъолияти онҳо, масъалаҳои таъминоти рақобатпазирии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати кормандон дар низоми имрӯзаи идоракунии иқтисодиёт алоқаманд буданд.

Доир ба ин масъалаҳо донишҷӯён маърӯза ва мубодилаи афкор намуда, донишҳои назариявии худро вобаста ба ихтисос мукаммал намуданд.

***Хабарнигори "ИТ"***

# АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ И РЕГИОНОВЕДЕНИЕ

***20 декабря в Нижегородском государственном лингвистическом университете им. Н.А.Добролюбова была проведена международная научно-практическая конференция молодых исследователей на тему: «Актуальные проблемы международных отношений и регионоведение». В конференции участвовали студенты и молодые специалисты в области международных отношений из разных регионов России и стран СНГ.***



Хотелось бы отметить, что студент 3-курса специальности мировой экономики - 250103аа Шарипов А. со своим научным руководителем из кафедры общественных наук, Хошимов Ф. смогли выступить и сделать доклад на тему «Роль Республики Таджикистан в обеспечении безопасности в Центральной Азии» в этой научной конференции в формате онлайн.

В своих выступлениях участники из ИЭТ ТГУК обсудили современные вызовы и угрозы международных отношений, среди которых терроризм, экстремизм, транснациональная организованная преступность, незаконный оборот наркотиков и киберпреступность. Особо было подчеркнута роль и место Республики Таджикистан в обеспечении безопасности в Центральной Азии. Были указаны нормативно-правовые и институциональные механизмы по противодействию терроризму, экстремизму и незаконным оборотом наркотиков в Таджикистане. Также, сотрудничество Таджикистана с международными и региональными организациями такими как ООН, ОБСЕ, СНГ, ОДКБ, ШОС по вопросам обеспечения безопасности в Центральной Азии. В завершении были отмечены, международные мероприятие посвященные вопросам безопасности, проведенные в г. Душанбе.

# ПЕШГИРИИ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБ



***Санаи 10-уми декабри соли равон дар Донишкада вохӯрии устодон ва донишҷӯён бо сардори кафедраи ҷомеашиносии факултети №4, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон подполковники милитсия Муяссара Тоҳирӣ вобаста ба мавзӯи муқовимат ба коррупсия ва пешгирии падидаҳои номатлуб баргузор гардид.***

Чорабиниро муовини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон дотсент Аҳророва Г.У. оғоз бахшида, аз оқибатҳои ногувори падидаҳои номатлуб, аз ҷумла коррупсия ёдовар шуд.

Сипас, подполковники милитсия Муяссара Тоҳирӣ бо маърӯзаи пурмӯҳтаво баромад намуда, аҳли нишастро ба муқовимати дастаҷамъона бар зидди коррупсия даъват кард.

Баъдан, муаллими калони кафедраи ҳуқуқшиносӣ Шарипов Далерҷон дар мавзӯи «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ» маърӯзаи пурмӯҳтаво намуд.

# МИЗИ МУДАВВАР ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯ

***Дар бинои ҷоруми Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд мизи мудаввар оид ба масъалаҳои рушди низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷабҳаҳои рақамикунонӣ дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" бо иштироки мутахассисони пуртаҷрибаи соҳаи молия ва бонкдорӣ баргузор гардид.***



Дар оғози мизи мудаввар муовини директори ДИС ДДТТ оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, н.и.и., дотсент Мирпочоев Д.А. бо сухани ифтитоҳӣ баромад намуда, меҳмононро хайрамақдам намуд.

Дар мизи мудаввар маърӯзаҳои Воҳид Абдувоҳид – мутахассиси пешбари сарраёсати молияи вилояти Суғд, Ҳасанов Улуғбек Ёқубовиҷ – муовини сардори шуъбаи назорати бонкии Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, Яҳёева Таманно – мудири маркази хизматрасонии бонкии ҶСК "Алифбонк" ва Султонов Фирдавс Исматбоевич – сардори Раёсати рушди тиҷорати ҶСП ТАҶХ "Имон Интернешнл" шунида шудаанд. Дар ҷараёни мизи мудаввар аз тарафи меҳмонон ахборот оиди коркард ва татбиқи технологияҳои рақамӣ, ҷадвалу диаграммаҳо, факту рақамҳо, ки ба ҷараёни рақамикунонӣ вобастаанд, ба омӯзгорон супорида шуд. Аз ҷумла аз тарафи кормандони ҶСК "Алифбонк" пешниҳод карда шудааст, ки барои омӯзиши технологияҳои рақамии соҳаи бонкдорӣ, ки он ройгон аст, ба "Алифакадемия" донишҷӯён, магистрантон ва омӯзгорон бахри баланд бардоштани маърифати молиявӣ сафарбар шаванд.

Мизи мудаввари илмӣ методӣ, ки аз тарафи маркази илмӣ-тадқиқотии ДИС ДДТТ ташкил карда шуд, дар фазои муҳокимаҳои илмӣ, тавсияҳои методӣ ва баррасии як қатор пешниҳодоти судманд ба анҷом расид.

# ҶАВОНОН – НАСЛИ ОЯНДАСОЗИ МИЛЛАТ ВА ДАВЛАТ

***Давлати соҳибистиқлоли тоҷикон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои ҳалли мушкилоти ҷавонон, тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуда, вобаста ба тақвияти фаъолияти онҳо дар ҷомеа, ҷиҳати дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонони болаёқату соҳибмаърифат тамоми шароиту имкониятҳои зарурииро фароҳам овардааст.***

Ҷавонон давомдиҳандаи суннатҳои олии таъриху фарҳанги қадимии миллати тоҷик буда, сарчашмаи ташаббусҳои бузург, манбаи ғояҳои нав, эҷодкори тақдири имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд. Зеро, дар ҷомеаи имрӯза барои пешбурди соҳаҳои мухталифи кишвар мавқеъ ва саҳми ҷавонон хеле муҳим аст, махсусан онҳо дорои афкори тозаю нав ва қувваи пешбаранда дар ҷомеа ҳастанд. Дар Паёми навбати худ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 декабри соли 2021 бори дигар қайд карданд, ки: "Ҷавонон ояндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати мамлакат мебошанд".

Иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ дар ниҳоди ҳар як намояндаи насли ҷавон аз тарафи Ҳукумат таъмин гардидааст.

Ба таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "ҷавонони мо дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ" буда, бар зидди ҳама гуна хавфу хатарҳое, барои давлату миллат мебошанд, мубориза бурда, ҳифзи манфиатҳои миллиро аз ҳар манфиати дигар боло медонанд.

Тибқи маълумоти оморӣ зиёда аз 70 фоизи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд ва маҳз ба ҳамин сабаб Тоҷикистони соҳибистиқлол мамлакати ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 135 нафар кормандону устодони ҷавон, аз ҷумла 42 нафар ҷавонон, 93 нафар бонувон: 4 нафар – номзади илм, 12 нафар – муаллими калон, 68 нафар – ассисент, 1 нафар – ёвари директор, 7 нафар – мудири шуъбаву марказҳо, 7 нафар – мутахассисони сохторҳо, 2 нафар – ҷонишини декан оид ба тарбия, 3 нафар – китобдор, 12 нафар – котиба, 19 нафар – кормандони шуъба ва сохторҳои гуногун, ки аз ин 69% бонувонро ташкил медиҳад, кору фаъолият мебаранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло дар ҷомеаи мо насли нави соҳибистеъдод, илму донишдӯст ва фарҳангпарвару забондон ба камол расида истодаанд. Ҷиҳати дастгирии онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани завқу шавқи ҷавонон ба омӯхтани илму дониш, пеш аз ҳама, илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, кашфиёту навоварӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии онҳо ва ҳавасманд гардонидани ҷавонони болаёқату соҳибмаърифат, озмунҳои ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», таъсис дода шудаанд, ки зеро насли соҳибмаърифату донишманд муайянкунанда ва ташаккулдиҳандаи маърифати миллат мебошад.

Мақсад аз баргузории озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» ин амалисозии барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040» буда, инчунин ҷиҳати рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технология, тавсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвастани илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин дарёфти истеъдодҳои нав дар ин самт мебошад. Озмуни мазкур дар самтҳои математика, физика ва астраномия, химия, биология, география, технологияи иттилоотӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҳамасола доир мегардад.

Аз Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ донишҷӯён Ӯрунов Фирӯз дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" аз рӯи номинатсияи эҷоди назму наср ва Алиев Азизҷон дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" аз рӯи номинатсияи технологияи итилоотӣ бо дипломи дараҷаи 3 ва ба ҳаҷми 500 сомонӣ маблағҳои пулӣ қадрдонӣ шудаанд.

Бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нави соҳаи санъат, баланд бардоштани мақому маҳорати касбӣ, тақвият бахшидан ба касбияти баланди ҳунари иҷрокунандагӣ ва эҷоди мусиқии нав озмуни «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» барои кашфи истеъдодҳои ҷавон нақши басо муҳим дорад.

Ҷӯраева Нодирахон Зарифовна ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ дар даври ҷумҳуриявии озмуни "Тоҷикистон – ватани азизи ман" дар жанри эстрадии номиннатсияи сарояндагӣ барои иштироки фаъолона сазовори диплом гардид.

Таъкид бояд кард, ки ҳадаф аз баргузории озмунҳои «Илм–фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон–Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ин тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таърихи тамаддуни бостонии халқи тоҷик, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии мардум, қабл аз ҳама наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истеъдодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад.

Хулоса, бо боварии комил метавон, гуфт, ки ҷавонони аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон руҳу илҳоми тоза гирифта дар дигаргунсозиҳои ҷомеаи навин боз ҳам фаъолона ширкат намуда, дар муарифии давлати миллӣ ва ҳифзи арзишҳои истиқлолият саҳми беандозаи худро гузошта, барои рушди Тоҷикистони азиз азму талош менамоянд.

***Тоҳирҷон САЛИМОВ,***
***сармутахассис оид ба сомонаи ДИС ДДТТ***

# "МЕНЕҶМЕНТИ САЙЁҲӢ ВА МЕҲМОНДОРӢ"



***Дар Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ мизи мудаввар оид ба мавзуи "Менеҷменти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ" бо иштироки роҳбари ширкати хадамотии "Корбар", номзади илмҳои филологӣ, дотсент Саидов Саидумрон, ҷонишини директор оид ба тарбия ва рушди ҷавонон Аҳророва Гулчеҳра, мудири шуъбаи магистратура ва докторантура Баҳодуров Ҳабибулло, мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг Ниёзов Ҷамолиддин, сармутахассис оид ба таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият Умаров Содирхон ва донишҷӯёни ихтисоси менеҷмент гузаронида шуд.***

Саидумрон Саидов оиди муаммоҳои соҳаи сайёҳӣ ва роҳи ҳалли онҳо баромади ҷолиб намуда, махсусан масъалаи фарҳангу маданияти пазироии меҳмононро мавриди баррасӣ қарор дод.

Содирхон Умаров оиди мавзуи "Муаррифии обидаҳои таърихии воҳаи мадании Хуҷанд омили ҷалби сайёҳон" баромад намуда, перомуни чандин ашхоси машҳуру меъмориҳои таърихӣ маълумоти муҳимро пешкаш намуд.

Ҳамчунин устодону донишҷӯёни дигар низ андешаҳои муфид ва пешниҳодҳои худро оид ба ин масъала иброз кардаанд. Дар охир ба иштирокчиёну донишҷӯёни фаъол китобҳои олимони донишкада тӯҳфа гардид.

# АЗ БЕМОРИИ БОТУЛИЗМ ЭҲТИЁТ ШАВЕД!

***Ботулизм бемории вазнин ва барои ҳаёт хатарнок буда, марганҷомии баланд дорад ва ба системаи асаб зарар мерасонад. Тавассути маводи ғизоӣ ду намуди ботулизм мегузарад: кӯдакона ва ғизоӣ. Ботулизми кӯдакона хеле кам ба назар мерасад ва асосан сироятёбӣ ҳангоми истеъмоли асал ба вуқуъ меояд. Ботулизми ғизоӣ ин заҳролудшавӣ бо токсинаи ботулинӣ мебошад ва бо воситаи маҳсулотҳои нодуруст ё нокифоя тамизгардидаи консервакунонидашуда ва нигаҳдошта дар шароити хона мегузарад.***

Маълум ки тобистону тирамоҳ дар ҳама хонадон аз маҳсулоти сабзавоту полезӣ консерваҳо тайёр мекунанд. Аммо на ҳама ба қоидаҳои гигиенӣ-санитарӣ ва тарзи дурусти тайёр кардани он риоя мекунанд. Аз ин боис баъзе аъзои оила ба бемориҳои гуногун мубтало мегарданд, ки яке аз онҳо бемории ботулизм мебошад. Ин бемори чӣ гуна бемори мебошад ва он чӣ гуна сар мезанаду оқибатҳои ногувораш чӣ гуна мешавад?

Ботулизм (botulism-муродиф алантиазис, ихтиизм) – бемории вазнини сироятӣ буда, бо ботулотоксин системаҳои асаб; бештар мағзи дарозрӯя ва ҳароммағз иллатнок мешавад ва бо бартарии аломатҳои фалаҷи мушакҳои чашм ва майнаи дарозрӯя ҷорӣ мешавад.

Одам ҳангоми маҳсулотҳои бо бӯғи сироятнокшударо дар хӯрок истеъмол кардан ба ин беморӣ гирифтор мешавад. Аксарияти мутлақи бемории ботулизм бо истеъмол намудани консерваҳои дар шароити хона тайёр кардашуда ва ё маҳсулоти дудпази консерваҳои гӯштӣ, моҳигӣ ва сабзавотӣ, инчунин ҳасибҳо, моҳии дудпаз ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Ботулотоксин ба воситаи пардаи луобии меъда ва рӯда ба хун ҷабида шуда, фалаҷи ноқиси паррези мушакҳои суфта, тангшавии равзани раг-ҳои хун бо паррези минбаъдаи онҳо ва зудшиканиҳои капилярҳоро ба вуҷуд меоранд.

Аломатҳои хоси ботулизм бисёр вақт даҳонхушкӣ ва аломатҳои фалаҷи мушакҳои чашм (офталмоплегия) мебошанд. Беморон аз заъфи биноӣ (хира шудани чашм) «турча» ё «тории» пеши чашм шикоят мекунанд.

Панҷ калиди асосии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ барои бехатарии ғизоро риоя намудан зарур аст:

1. Тозагиро риоя намоед.
2. Маҳсулоти хомро аз пӯхта ҷудо намоед.
3. Ғизоро нағз пазед.
4. Маҳсулотҳоро дар ҳолати бехатар нигоҳ доред.
5. Об ва маҳсулотҳои хоми бехатарро истифода баред.

***Зуфнуна ХОҶАЕВА,***
***директори МТТҲС***
***дар вилояти Суғд***

ИҚТИСОД ВА ТИҶОРАТ

МУАССИС:
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, х. Исмоили Сомонӣ 169,
тел: (83422) 6-03-21

Сармушовир Абдулмаҷиди БОБОҶОНИЁН

Муҳаррир Нӯъмон РАҶАБЗОДА

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ҳомид ҲОШИМЗОДА, Шӯҳратҷон МАШОКИРОВ, Инъомҷон АМИНОВ, Далерҷон МИРПОЧОЕВ, Гулчеҳра АҲРОРОВА, Маъруф ҲАКИМЗОДА, Нодирҷон ҶАЛОЛОВ, Зокирҷон ШАРИПОВ, Галина КОМАРОВА, Абдумавлон АЗИМОВ

Верстор: КОМРОН

Ҳайати эҷодӣ:
Фаррух Турсунов, Саидқосим Мухторов, Муаззамбек Шогунбеков, Фаррух Камолов, Абдувалӣ Акбарзода, Мадина Бузурукова

Нишонии идора: шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Аминҷон Шукӯҳӣ 2
тел: (83422)-6-18-60

Дастхатҳо ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд

Моҳвора дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0405/РЗ аз 21.06.2016 сабти ном шудааст

Нашрия дар ҶСК "Набӣ Фахрӣ" чоп шудааст.

Фармоиши №____ Теъдоди н.

